ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН,
ДУШАНБЕ

PISA
Programme for International Student Assessment

PISA 2025

НАТИҶАҲОИ АСОСӢ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ (ТОҶИКИСТОН)

СИФАТИ ТАҲСИЛОТ
ИМКОНИЯТҲОИ БАРОБАР
НЕКУАҲВОЛИИ ХОНАНДАГОН





САВОДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

САВОДИ МАТЕМАТИКӢ

САВОДИ ХОНДАН

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

PISA 2025
НАТИҶАҲОИ АСОСИИ
ШАҲРИ ДУШАНБЕ (ТОҶИКИСТОН)

Душанбе-2026

ГУЗОРИШИ МУХТАСАР

PISA 2025: нуктаҳои муҳим барои роҳбар

Нуҳ нишондиҳандаи ҳолати асосии натиҷаҳо

382 математика	**368** хониш	**334** фанҳои табиатшиносӣ
23,5 % Сатҳи 2 + математика	**18,1 %** Сатҳи 2 + хониш	**11,8 %** Сатҳи 2 + фанҳои табиатшиносӣ
46,3 фарқ аз рӯиESCS	**79,6 %** омӯхтани чизҳои навро дӯст медорад	**89,8 %** амният дар роҳ ба мактаб

Иштироки нахустини шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар таҳқиқоти PISA барои мониторинги минбаъдаи сифати таҳсилот заминаи ибтидоӣ фароҳам меорад. Мушкилоти асосӣ кам будани ҳиссаи хонандагонест, ки ба сатҳи заминавии саводи амалкардӣ (функсионалӣ), махсусан дар бахши фанҳои табиатшиносӣ, даст меёбанд. Ҳамзамон, таҳқиқот паҳлуҳои қавии масъаларо низ ошкор месозад: ибрози алоқаи хонандагон ба донишомӯзӣ ва сатҳи баланди эҳсоси амният.

Барои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ин натиҷаҳо зарурати фаъолияти ҳамзамонро дар чор самт нишон медиҳанд: тақвияти малакаҳои заминавӣ, коҳиш додани тафовут байни гурӯҳҳои хонандагон ва муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва таъминоти кадрӣ, инчунин дастгирии ҷалби хонандагон ба таълим ва некуаҳволии онҳо. Чунин муносибат ба мантиқи хулосаҳои Ҳисоботи миллӣ ва афзалиятҳои рушди соҳаи маориф то соли 2030 комилан мувофиқат мекунад.

Принсипи асосӣ: натиҷаҳои таҳқиқоти PISA бояд на ҳамчун як рейтинг, балки ба унвони пойгоҳи додаҳо (маълумот) барои муайян кардани ҳадафҳо, интихоби бартариятҳо (авлавиятҳо) ва андозагирии минбаъдаи пешрафт истифода шавад.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

МИҚЁС ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Таҳқиқот чӣ гуна гузаронида шуд?

Интихоби намояндагии хонандагони 15-солаи шаҳри Душанбе

PISA ЧИРО АРЗЁБӢ МЕКУНАД?

PISA –тадқиқоти байналмилалии сифати таҳсилот аст, ки дараҷаи қобилияти хонандагони 15-соларо **дар истифодаи дониш ва малакаҳои ҳосилшуда барои ҳалли вазифаҳое, ки дар вазъиятҳои таълимӣ ва воқеии ҳаёт ба миён меоянд,** арзёбӣ мекунад.

Самтҳои асосии арзёбӣ саводи фанҳои табиатшиносӣ, саводи математикӣ ва саводи хондан аст. Таҳқиқот аз соли 2025 дар чор сол як маротиба гузаронида мешавад.

Хусусияти PISA дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқот танҳо аз худ кардани мазмуни барномаи таълимии мактабиро арзёбӣ намекунад, балки ба хонандагон супоришҳоеро низ пешниҳод менамояд, ки **мулоҳизаронии онҳо, таҳлил ва шарҳи маълумот, кор бо додаҳо, дарки матнҳо, шарҳи паҳлуҳои гуногуни воқеаҳо ва истифодаи донишро дар заминаҳои (ҳолатҳои) нав месанҷанд.**

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои PISA имкон медиҳанд, муайян карда шавад, ки таҳсилот то чӣ андоза ба хонандагон на танҳо барои азхуд кардани маводди омӯхташуда, инчунин, **барои истифодаи дониш, ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳои амалӣ, таҳсили минбаъда ва масъалаҳои ҳаррӯза дар ҳаёт** ёрӣ мерасонад.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

ЧАРО ИН МУҲИМ АСТ?

- **Муқоисапазирии байналмилалӣ.** Натиҷаҳо имкон медиҳанд, ки дастовардҳои хонандагони шаҳри Душанбе дар заминаи байналмилалӣ ва минтақавӣ дар асоси методологияи ягона баррасӣ карда шаванд.
- **Арзёбии саводи амалкардӣ (функсионалӣ).** Дар маркази таваҷҷуҳ на танҳо такроран пешниҳод кардани маводи омӯхташуда ба хонандагон, балки қобилияти хонандагон дар истифодаи дониш ва малакаҳо низ қарор дорад.
- **Тасвири васеътаре аз сифати таҳсилот.** Дар баробари натиҷаҳои санҷиши тестӣ, PISA маълумотро дар бораи муносибати хонандагон ба таълим, муҳити мактабӣ, захираҳои таълимӣ, дастгирии хонанда аз ҷониби оила ва некуаҳволии онҳо низ ҷамъоварӣ мекунад.
- **Замина барои қабули қарорҳо.** Маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки паҳлуҳои қавӣ ва самтҳои ниёз ба таваҷҷуҳи иловагӣ маълум гардида, ҳангоми муайян кардани авлавиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз далелҳои воқеӣ (объективӣ) истифода карда шавад.
- **Имкони пайгирии пешравӣ.** Натиҷаҳои иштироки нахустин ҳамчун заминаи ибтидоӣ барои муқоиса истифода мешаванд, ки имкон медиҳад дар даврaҳои минбаъда тағйироти натиҷаҳои таълимӣ ва самаранокии ислоҳоти амалишаванда арзёбӣ карда шаванд.

ТАҲҚИҚОТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ЧӢ ТАВР ГУЗАРОНИДА ШУД?


Соли 2025 шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бори аввал дар даврaи асосии таҳқиқоти PISA иштирок кард. Таҳқиқот хонандагони 15-солаи намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимиро фаро гирифт.

Интихоб мувофиқи талаботи байналмилалии PISA ташкил шуда, намояндагии хонандагонро **аз ҳамаи чор ноҳияи пойтахт** таъмин кард. Ба он муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ)-и таҳсилоти умумӣ, инчунин

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ботаҳсилкунандагони синни мувофиқ дохил шуданд.

ИШТИРОКИ ДУШАНБЕ

216 муассиса дар маҷмуъ	**160** интихоб шуданд
6 270 ба интихоб ворид шуданд	**5 777** дар арзёбӣ иштирок карданд
92,1 % дарсад (%)-и иштирок	**48,3 %/51,7 %** духтарон/писарон




Ин натиҷаҳо танҳо ба шаҳри Душанбе дахл доранд. Онҳоро набояд худогоҳона ба тамоми мактабҳо дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат дод.

ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМӢ

Натиҷаҳои миёна ва заминаи (контексти) минтақавӣ

Математика – самти нисбатан қавӣ; фанҳои табиатшиносӣ ба таваҷҷуҳи махсус ниёз доранд.

НАТИҶАҲОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ




Натиҷаи миёна аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ 334 бал, аз рӯи саводи математикӣ 382 бал ва аз рӯи саводи хондан 368 балро ташкил дод. Ин қиматҳо нуқтаи аввалини истинодро барои арзёбии тағйироти минбаъда ташкил медиҳанд:

- математика – натиҷаи нисбатан баландтарин;
- хониш дар мавқеи миёна аст;
- фанҳои табиатшиносӣ – натиҷаи аз ҳама пасттар ва мушкилоти асосии фаннӣ.

Натиҷаҳои PISA танҳо аз се бали миёна иборат нестанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки **хонандагони 15-сола то чӣ андоза метавонанд донишу малакаи худро барои ҳалли масъалаҳо дар шароити нав ва амалан ҳаётӣ истифода баранд.** Бинобар ин, бали миёнаро ҳамроҳ бо нишондиҳандаҳои дигар, аз ҷумла дараҷаи саводи хонандагон, тафовути байни гурӯҳҳо ва шароити таҳсили онҳо якҷоя бояд таҳлил кард.

МУҚОИСА БО КИШВАРҲОИ МИНТАҚА



Муқоиса бо бархе аз кишварҳои минтақа мавқеи натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)-ро дар заминаи байналмилалӣ беҳтар нишон медиҳад.

Натиҷаҳои миёнаи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) **аз рӯйи саводи математикӣ ва саводи хондан** нисбат ба Арманистон ва Қирғизистон нисбатан баландтар, вале аз Озарбойҷон ва Қазоқистон паст аст.

Аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ натиҷаи миёнаи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз ҳамаи чор кишвари мавриди муқоиса пасттар аст. Маҳз дар ҳамин бахш норасоӣ ва тафовут бештар ба назар мерасад. Бинобар ин, баланд бардоштани саводи фанҳои табиатшиносӣ самти асосиест, ки ба таваҷҷуҳи махсус ниёз дорад.


Ин муқоиса на барои баҳогузории одии рейтингии низомҳои маориф, балки барои таҳлили миқёси тафовутҳо ва омӯхтани таҷрибаҳои таълимӣ истифода мешавад.

САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ

Мушкили асосӣ: расидан ба сатҳи 2

Сатҳи заминавӣ нишон медиҳад, ки хонанда то чӣ андоза метавонад дониши худро дар вазъиятҳои одии ҳаёт истифода барад.

ҲИССАИ ХОНАНДАГОН ДАР САТҲИ 2 ВА БОЛОТАР АЗ ОН



Дар таҳқиқоти PISA **сатҳи 2 ҳамчун ҳадди заминавии саводи амалкардӣ (функсионалӣ) баррасӣ мешавад.**

Дар ин сатҳ хонанда аллакай **метавонад донишҳои заминавии худро дар вазъиятҳои нисбатан шинос истифода барад.** Дар математика ин маънои иҷрои машқҳои одӣ ва истифодаи усулҳои омӯхташудаи ҳалли масъалаҳоро дорад; дар хониш – пайдо кардани маълумоти зарурӣ, муайян кардани робитаҳои одӣ ва фаҳмидани мазмуни асосии матн; дар фанҳои табиатшиносӣ – истифодаи донишҳои илмии заминавӣ барои шарҳ додани воқеаҳои шинос ва тафсири маълумоту додаҳои одӣ.

Ҳиссаи хонандагоне, ки сатҳи 2 ё аз он болотарро ноил шудаанд, аз рӯи **саводи математикӣ 23,5 %, аз рӯи саводи хондан 18,1 % ва аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ 11,8 %**-ро ташкил дод. Ҳамин тариқ, ҳатто дар бахши математика, ки натиҷаи миёнаи аз ҳама баландтаринро дорад, камтар аз чаҳор як ҳиссаи хонандагон ба сатҳи заминавӣ мерасанд.

ЧАРО ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ САМТИ АСОСИАНД?

Аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ Душанбе (Тоҷикистон) натиҷаи миёнаи аз ҳама пасттарро нишон дод – **334 бал**. Сатҳи заминавии 2 ва болотар аз онро **11,8 %-и хонандагон** ноил шудаанд, ки аз нишондиҳандаҳои мувофиқ дар бахши саводи математикӣ ва саводи хондан ба таври назаррас пасттар аст.

334 бали миёна
11,8 % Сатҳи 2 +
2,2 % Сатҳи 3 +

МАСЪАЛАҲОЕ, КИ РӮЙИ ОНҲО БОЯД БЕШТАР КОР КАРД

- Истифодаи бештари супоришҳое, ки дар онҳо хонандагон мушоҳида ва таҳқиқ мекунанд, фарзияҳо пешниҳод менамоянд, натиҷаҳоро таҳлил мекунанд ва хулоса мебароранд.
- Васеъ намудани имкониятҳо барои гузаронидани таҷрибаҳо, таҳқиқоти амалӣ ва супоришҳои байнифаннӣ, ки фанҳои табиатшиносиро бо математика, технология ва ҳаёти ҳаррӯза мепайванданд.
- Рушди мунтазами малакаю маҳоратҳои хондани графикҳо ва ҷадвалҳо, шарҳу баёни натиҷаҳои мушоҳидаҳо, муқоисаи далелҳо ва асоснок кардани хулосаҳо.
- Истифодаи масъала (супориш)-ҳои алоқаманд бо муҳити атроф, саломатӣ, технология, захираҳо ва дигар вазъиятҳо, ки дар онҳо донишҳои табиатшиносӣ аҳаммияти амалӣ пайдо мекунанд.
- Рушди малакаю маҳоратҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ дар самти усулҳои нави таълим бо мақсади таҳқиқот, корҳои амалӣ ва рушди салоҳиятҳои ҳаётии хонандагон.

Ҳадаф на «таълим додан барои амалисозии (ҳадафҳои) PISA», балки рушди саводи амалкардӣ ҳамчун натиҷаи таҳсилоти босифат аст.

ИМКОНИЯТҲОИ БАРОБАР

Кӣ натиҷаҳои баландтар ба даст меорад ва чаро ин муҳим аст?

Тафовутҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷинсӣ (гендерӣ) таҳлили мақсаднокро талаб мекунанд.

ТАФОВУТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ


46,3 бал
байни чорякҳои болоӣ ва поёнии ESCS
≈ 2,3 сол
пешравии шартан ҳамарзиш

Шароити оилавӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба дастовардҳои таълимии хонандагон таъсири назаррас дорад. Тафовути байни хонандагони дорои вазъи беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ ва хонандагони аз ин ҷиҳат дар сатҳи пасттар қарордошта (камбизоат) **46,3 балро** ташкил медиҳад, ки тақрибан ба **2,3 соли таҳсил** баробар аст.

Ҳамзамон, мақоми баланди иҷтимоию иқтисодӣ худ ба танҳоӣ **натиҷаи баландро кафолат намедиҳад**. **Сифати таълим, мазмуни таълим, дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва ташкили раванди таълим** аҳаммияти зиёд доранд. Ин маънои онро дорад, ки муассисаи таълимӣ дар коҳиш додани ин тафовутҳо ва васеъ намудани имкониятҳои таълимии хонандагон нақши муҳим дошта метавонад.

Вазифаи асосӣ таъмин намудани шароите аст, ки дар он имкониятҳо ва натиҷаҳои таълимии хонандагон аз вазъияти иҷтимоию иқтисодии онҳо вобастагии камтар дошта бошанд.

ТАФОВУТҲОИ ҶИНСӢ (ГЕНДЕРӢ)



Натиҷаҳои PISA 2025 нишон медиҳанд, ки **тафовутҳои ҷинсӣ (гендерӣ) дар самтҳои гуногуни савод якхела нестанд.**

Тафовути ҷинсӣ дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ назаррас нест: **писарон ба ҳисоби миёна аз духтарон 3,8 бал бештар доранд**, аммо ин фарқ аз ҷиҳати оморӣ на он қадар зиёд ва назаррас аст. Ин нишон медиҳад, ки сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагони ҳар ду ҷинс қобили муқоиса ва дар маҷмуъ, баробаранд.

Дар самти саводи математикӣ тафовут бештар ба назар мерасад: **писарон ба ҳисоби миёна аз духтарон ба андозаи 14,9 бал пеш гузаштаанд.** Натиҷаҳо аз рӯи саводи хондан баръакс аст: **духтарон ба ҳисоби миёна аз писарон 8,3 бал бештар доранд.**

Ба эътибор гирифтани ин тафовутҳо ҳангоми таҳияи чорабиниҳои таълимӣ, ки **ҳадафашон таъмини имкониятҳои баробар барои рушди малакаҳои духтарону писаронанд**, хеле муҳим аст.

Тафовутҳоро набояд бо қобилиятҳои фитрии хонандагон шарҳ дод. Дар ин самт таҳлили ҳавасмандии хонандагон, бовар ба худ, интизориҳо ва таҷрибаҳои таълимӣ зарур аст.


Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

ГУНОГУНШАКЛИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Тафовутҳо байни муассисаҳо ва ноҳияҳо

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар кадом самтҳо таҳлили амиқтари шароити таҳсил зарур аст.

МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА ҒАЙРИДАВЛАТӢ (ХУСУСӢ)




Дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) натиҷаҳои миёна дар ҳамаи се самти PISA баландтаранд. Тафовути бештар дар самти саводи фанҳои табиатшиносӣ мушоҳида мешавад, ки он тақрибан ба **67 бал** баробар аст. Дар бахши саводи математикӣ ин ТАФОВУТ тақрибан **50 бал** ва дар саводи хондан **48 балро** ташкил медиҳад.

Ин тафовутҳо метавонанд ба маҷмуи омилҳо – **вазъияти иҷтимоию иқтисодии хонандагон, захираҳои таълимӣ, таъминоти кадрӣ ва шароити таҳсил** алоқаманд бошанд. Бинобар ин, онҳоро набояд танҳо ҳамчун натиҷаи мустақими шакли моликияти муассиса шарҳ дод.

Хулосаи асосӣ: тафовутҳо байни муассисаҳои таълимӣ таҳлили минбаъдаи омилҳои марбут **ба сифати таълим, захираҳо ва вазъияти хонандагон**ро талаб мекунанд.

Ба интихоб танҳо 7 муассисаи хусусӣ дохил шудааст. Бинобар ин, муқоиса муносибати эҳтиётkoронаро тақозо менамояд ва ба назар гирифтани тафовутҳоро дар вазъияти хонандагон ва шароити таҳсил зарур меҳисобад.

ЧОР НОҲИЯИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ



Ҳамаи чор ноҳияи шаҳри Душанбе дар интихоби PISA 2025 намояндагӣ шудаанд, ки ин имкон медиҳад тафовутҳои ҳудудӣ дар натиҷаҳои таълимии хонандагон баррасӣ карда шаванд. **Хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар ҳар се самти арзёбии PISA натиҷаҳои миёнаи баландтаринро нишон медиҳанд.**

Ҳамзамон, тафовутҳои байни ноҳияҳоро бояд дар заминаи васеътар баррасӣ кард. Ин тафовутҳометавонанд на танҳо ба хусусиятҳои раванди таълим, балки ба **вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон, таъминоти муассисаҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ, дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва дигар хусусиятҳои мактабҳо** алоқаманд бошанд. Бинобар ин, натиҷаҳои бадастомада дар сатҳи ноҳияҳо пеш аз ҳама бояд барои ошкор намудани тафовутҳо дар шароити таълим ва муайян кардани самтҳои зарурии дастгирӣ истифода шаванд, на барои дараҷабандии ноҳияҳо ё муассисаҳои таълимӣ.

Самтҳои асосӣ:

- **дастгирии мақсаднок –** истифодаи маълумот барои муайян кардани ниёзҳои хонандагон ва муассисаҳои таълимӣ, на барои танҳо муқоиса ё дараҷабандии ноҳияҳо;
- **таҳлили ҳамаҷониба** – муқоиса кардани натиҷаҳои таълим вобаста ба шароити кадрӣ, захиравӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ;
- **мубодилаи таҷрибаҳои самарабахш** – омӯхтани таҷрибаи муассисаҳои таълимие, ки натиҷаҳои устувори баландтар нишон медиҳанд;
- **мониторинги тағйирот** – пайгирии тафовутҳои ҳудудӣ дар доираи арзёбиҳои миллӣ ва даврaҳои минбаъдаи таҳқиқот.

Вазифа – коҳиш додани тафовутҳо дар имкониятҳои таълимӣ ва таъмини сифати баланди таҳсилот, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ.

Таваҷҷуҳ ба таълим – паҳлуи қавӣ, ҷалби хонандагон ба дастгирӣ ниёз дорад.

Муносибати дуруст заминаро барои баланд бардоштани натиҷаҳо фароҳам меорад.

КУНҶКОВИИ ЗЕҲНӢ (ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ)

79,6 % омӯхтани донишҳои нав писанд аст	**70,4 %** фаҳмидани сабабу тарзи ба вуҷуд омадани падидаву равандҳои гуногун ҷолиб аст
85,5 % ба духтарон омӯхтани донишҳои нав писанд аст	**74,3 %** ба писарон омӯхтани донишҳои нав писанд аст

Кунҷковии хонандагон бо натиҷаҳои таълим робитаи мусбат дорад ва ин вобастагӣ ҳатто баъди ба назар гирифтани тафовутҳо дар вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ низ боқӣ мемонад. Ин нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба чизҳои нав ва кӯшиши дарки ҷаҳони атроф заминаи муҳим барои таълим ҳастанд.

Вазифаи муассисаҳои таълимӣ – **дастгирии кунҷковии табиии хонандагон ва табдил додани он ба ҳавасмандии устувори таълимӣ.** Ба ин усулҳои фаъоли таълим, супоришҳои таҳқиқотию амалӣ, баррасии усулҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо ва пайванд додани маводди омӯхташаванда бо вазъиятҳои воқеии ҳаёт ёрӣ мерасонанд.

Самтҳои асосӣ:

- **дастгирии кунҷковӣ ва таваҷҷуҳ ба донишҳои нав;**
- **истифодаи усулҳои фаъол ва ба таҳқиқот нигаронидашудаи таълим;**
- **ҳарчи бештар пайванд додани супоришҳои таълимӣ бо вазъиятҳои воқеии ҳаёт;**
- **рушди мустақилият, устуворӣ (суботкорӣ) ва боварии хонандагон ба қобилиятҳои худ.**

Шавқу рағбат ба омӯзиш омили муҳими мусбат аст, ки бояд ба ангезаи (ҳавасмандии) устувор ва натиҷаҳои беҳтари таълимӣ табдил дода шавад.

ҲИССИ МАНСУБИЯТ БА МАКТАБ ВА ИШТИРОК ДАР ДАРСҲО

87,4 % худро ба мактаб мансуб медонанд
12,6 % худро узви ҷомеаи мактабӣ ҳис намекунанд
>50 % дар ду ҳафта ҳадди ақал як маротиба дер омадаанд

Аксари хонандагони шаҳри Душанбе **худро қисми ҷомеаи мактабӣ ҳис мекунанд:** 87,4 %-и онҳо дар бораи эҳсоси мансубияташон ба мактаб хабар медиҳанд. Муносибати хуб бо ҳамсолон ва калонсолон заминаи мусоид барои ҳифзи ҳолати равонию эҳсосии хонандагон, таҳкими ҳавасмандии онҳо ба таҳсил ва иштироки фаъолона дар ҳаёти мактабӣ фароҳам меорад.

Ҳамзамон, мавҷуд будани гурӯҳи хонандагоне, ки эҳсоси вобастагии онҳо ба мактаб камтар аст, инчунин **ҳолатҳои дермонӣ ба дарсҳо ва коҳиш ёфтани ҷалби онҳо ба таълим** нишон медиҳанд, ки сари вақт муайян кардани хонандагоне, ки аз ҳаёти мактабӣ дур шудан доранд, хеле муҳим аст.

Самтҳои асосӣ:

- **сари вақт муайян кардани дурӣ аз таҳсилот** – таҳлили иштирок дар дарсҳо, ҳолатҳои дермонӣ ва иштироки хонандагон дар таълимӣ;
- **дастгирии инфиродӣ** – муайян намудани хонандагоне, ки коҳиши шавқу рағбат ба омӯзиш ё иштироки онҳо дар ҳаёти мактабӣ мушоҳида мешавад ва фароҳам овардани дастгирии мувофиқ ба ниёзҳои онҳо;
- **таълими мақсаднок** – таҳкими робитаи байни таҳсилот, интихоби касб ва дурнамои ояндаи хонандагон;
- **муҳити мусоиди мактабӣ** – рушди муносибатҳои хубу самимӣ байни хонандагон, омӯзгорон ва дигар аъзои ҷомеаи мактаб.

Муҳим аст, ки ҳар як хонанда на танҳо ба мактаб ҳозир шавад, балки худро узви комилҳуқуқи ҷомеаи мактабӣ эҳсос кунад, мақсади таҳсил ва аҳамияти онро барои ояндаи худ дарк намояд.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

МУҲИТИ МАКТАБ

Бехатарӣ – самти қавӣ. Зӯроварӣ ва таҳқиру озор (буллинг) – самти таваҷҷуҳи доимӣ.

Некуаҳволӣ ва пешрафти хонандагон мустақиман бо сифати таҷрибаҳои таълимӣ робита дорад.

ҲИССИ БАЛАНДИ БЕХАТАРӢ

89,8 %

ҳисси бехатарӣ дар роҳ ба мактаб ва аз мактаб ба хона

Аксари хонандагони 15-солаи шаҳри Душанбе амнияти роҳи равуои худро ба мактаб ва аз мактаб ба хона мусбат арзёбӣ мекунанд. **Нишондиҳандаи шаҳри Душанбе нисбат ба Қазоқистон (86,6 %), Озарбойҷон (81,2 %) ва Қирғизистон (80,4 %) баландтар ва аз Арманистон (93,7 %) каме пасттар аст.** Тафовутҳо аз рӯйи ҷинс ва вазъияти иҷтимоию иқтисодии хонандагон ба таври назаррас мушоҳида намешаванд.

Эҳсоси баланди бехатарӣ **яке аз паҳлуҳои қавии муҳити таълимии шаҳри Душанбе аст.** Муҳити бехатар ва дастгиркунанда барои тамаркуз ба таълим, иштироки фаъолона дар ҳаёти мактабӣ, ташаккули муносибатҳои хубу самимӣ бо ҳамсолон ва омӯзгорон ва таҳкими некуаҳволии умумии хонандагон шароит фароҳам меорад.

Ҳамзамон, мафҳуми амниятро бояд фаротар аз ҳифзи ҷисмонӣ баррасӣ кард. Оромиши равонӣ (психологӣ), муносибатҳои эҳтиромона, эҳсоси вобастагӣ ба мактаб ва пешгирии ҳар гуна шакли зӯроварӣ ва хушунат низ аҳаммияти зиёд доранд.

ТАЪКИДИ МУҲИМ

Сатҳи баланди эҳсоси амниятро бояд нигоҳ дошт ва таҳким бахшид, ҳамзамон ба солимии равонии хонандагон ва пешгирӣ аз зӯроварию озордиҳӣ мунтазам бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард.

ЗЎРОВАРӢ ВА ТАҲҚИРУ ОЗОР БА ПЕШГИРӢ НИЁЗ ДОРАД

13,9 %

дар як моҳ чанд бор ба зӯроварӣ ва озор рӯбарӯ мешаванд

Новобаста ба сатҳи баланди эҳсоси амнияти умумӣ, **зӯроварӣ ва таҳқиру озор самти муҳими таваҷҷуҳ боқӣ мемонад.** Ба ин нишондиҳанда шаклҳои гуногуни рафтори манфӣ дохил мешаванд: масхара ва таҳқир, таҳдид, фишори ҷисмонӣ, паҳн кардани овозаҳо, инчунин нашри маълумот дар интернет бе розигии хонанда.

Писарон дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ ва таҳқиру озор **нисбат ба духтарон** бештар хабар медиҳанд ва чунин ҳолатҳо дар муассисаҳои таълимии вазъияти иҷтимоию иқтисодиашон пасттар бештар ба назар мерасанд. Натиҷаҳо, инчунин робитаи озордиҳии доимиро **бо сатҳи пасттари қаноатмандии хонандагон аз ҳаёт нишон медиҳанд**, ки ин зарурати фаъолияти мунтазами пешгирикунандаро талаб мекунад.

Пешгирии зӯроварӣ ва таҳқиру озор на чорабиниҳои алоҳида, балки муносибати ҳамаҷонибаи мактабиро талаб мекунад, ки инҳо пешгирӣ аз чунин ҳолатҳо, сари вақт ошкор кардан, вокуниши саривақтӣ ва дастгирии хонандагон аст.

Самтҳои асосӣ:

- **дастурамалҳои (протоколҳои)** ягонаи мактабӣ барои пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварӣ ва таҳқиру озордиҳӣ;
- **омодасозии омӯзгорон** барои сари вақт ошкор кардани муноқишаҳо, таҳқиру озордиҳӣ ва аз ҷомеаи мактабӣ канор мондани хонандагон;
- **дастрас будани дастгирии равониву педагогӣ** барои хонандагон;
- **мониторинги махфии муҳити мактабӣ** ва некуаҳволии хонандагон;
- **ҳамкории мунтазам** бо хонандагон, падару модарон ва тамоми ҷомеаи мактабӣ.

Мактаби бехатар ва амн на танҳо ба маънои набудани таҳдиди ҷисмонӣ аст, балки муҳитест, ки дар он ҳар як хонанда худро мавриди эҳтиром, дастгирӣ ва бехатар ҳис мекунад.

ОМИЛҲОИ ТАЪЛИМ

Омӯзгор ва оила: ду манбаи дастгирии хонанда.

Дарсҳои амалӣ ва дастгирии доимии оила якдигарро пурра мекунанд.

ТАҶРИБАҲОИ ПЕДАГОГӢ

Қисми бештари хонандагони шаҳри Душанбе хабар медиҳанд, ки **омӯзгорон аҳаммияти амалии фанҳои табиатшиносиро нишон медиҳанд, робитаи маводди омӯхташавандаро бо ҳаёти воқеӣ шарҳ медиҳанд ва аз супоришҳое истифода мебаранд, ки ба дарку маънидоди воқеаҳои илмӣ нигаронида шудаанд.**

Ҳамзамон, натиҷаҳои PISA зарурати таҳкими минбаъдаи чунин таҷрибаҳоро нишон медиҳанд, ки ба хонандагон имкон медиҳанд **на танҳо мазмуни дарсро аз худ кунанд, инчунин, донишҳои омӯхтаашонро мустақилона истифода баранд, мулоҳиза ронанд, маълумотро таҳлил кунанд, бо далелҳо кор кунанд ва масъалаҳои навро ҳал намоянд.**

Гузариш ба тарзи таълиме аҳамияти махсус дорад, ки дар он **хонанда иштирокчии фаъоли раванди таълим мегардад:** савол медиҳад, таҳқиқ, муқоиса мекунад, шарҳ медиҳад, асоснок мекунад ва донишҳои андӯхтаашро амалан истифода мебарад.

Самтҳои асосӣ:

- **вазъиятҳои воқеӣ** – ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаёти рӯзмарра ва мушкилоти амалӣ;
- **усули таҳқиқотии таълим** – саволгузорӣ, таҳлили маълумот, кор бо далелҳо ва асоснок кардани андешаю хулосаҳо;
- **дарсҳои амалӣ** – корҳои лабораторӣ, таҷрибавӣ ва лоиҳавӣ;
- **арзёбии ташаккулдиҳанда** – алоқаи мунтазами баръакс, ки ба хонанда барои фаҳмидани пешрафт ва қадамҳои минбаъдааш ёрӣ мерасонад;
- **супоришҳои босифат** – такмили бонки миллии супоришҳо, ки ба истифодаи амалии дониш ва саводи амалкардӣ нигаронида шудаанд.

Ҳадафи асосӣ – гузаштан аз такрор ва баёни одии маводди омӯхташуда ба мулоҳизаронӣ, шарҳ додан, таҳқиқ кардан ва истифодаи амалии дониш.

ДАСТГИРИИ ОИЛА

63,4 %
оила ҳар ҳафта аз аҳволи хонанда мепурсад ва ба ҳаёти мактабӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад
+0,9
нишондиҳанда (индекс)-и дастгирии оила дар байни хонандагони дорои натиҷаи баланд

Оила қисми муҳими муҳити таълимии наврас аст. Дар шаҳри Душанбе **63,4 %-и хонандагон** хабар доданд, ки падару модар ё дигар аъзои оила, воқеан, камаш як маротиба дар як ҳафта аз онҳо мепурсанд, ки дар мактаб чӣ гузаштааст.

Сатҳи баланди дастгирии оила бо **қаноатмандӣ аз ҳаёт, эҳсоси вобастагӣ ба мактаб ва натиҷаҳо дар бахши саводи фанҳои табиатшиносӣ** робитаи мусбат дорад. Ҳамзамон, тафовути назаррас байни хонандагони дорои натиҷаҳои таълимии гуногун мушоҳида мешавад: индекси дастгирии оила дар хонандагони пешсаф (дорои натиҷаҳои баланд) **0,9 банд** баландтар аст.

Ин алоқамандӣ аз робитаи мустақими сабабу натиҷа гувоҳӣ намедиҳад, вале аҳаммияти таваҷҷуҳи доимии оиларо ба ҳаёти мактабӣ, мушкилот ва таҷрибаи таълимии наврас таъкид мекунад.

Самтҳои асосӣ:

- **алоқаи мунтазами** муассисаи таълимӣ бо падару модарон дар бораи пешрафт ва ниёзҳои хонанда;
- **баррасии саривақтии мушкилот** – пеш аз он ки онҳо омили ақибмонии доимӣ ё коҳиши шавқу ҳавас шаванд;
- **дастгирии муштараки** самти таҳсил ва ҳадафҳои ояндаи хонанда;
- **таваҷҷуҳ ба некуаҳволӣ ва иштирок дар дарсҳо –** ҳамчун масъулияти муштараки мактаб ва оила.

Робитаи мактаб ва оила вақте бештар самаранок мешавад, ки онҳо ҳамчун шарикони ҳамкор дар дастгирии таълим ва некуаҳволии хонандагон амал кунанд.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».


ЗАХИРАҲОИ НИЗОМ

Маблағгузорӣ: ҳаҷм муҳим аст, аммо самаранокӣ боз ҳам муҳимтар

Ҳарчанд барои соҳаи маориф аз ҳисоби ММД маблағи зиёд ҷудо шавад ҳам, харочот барои ҳар як хонанда кам аст.

Тоҷикистон барои соҳаи маориф **5,4 %-и ММД**-ро равона мекунад, ки ин аз меъёри нишондодаи 4 % дар доираи Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ 4) баландтар аст. Ҳамзамон, ҳаҷми маблағе, ки ба ҳар як хонанда рост меояд, нисбат ба кишварҳои барои муқоиса интихобшуда ба таври назаррас пасттар боқӣ мемонад. Ин ҳолат барои низоми маориф маҳдудиятҳои иловагӣ эҷод мекунад ва дар айни замон **аҳаммияти истифодаи самарабахш ва одилонаи захираҳои мавҷударо бештар нишон медиҳад.**

ЗАМИНАИ МОЛИЯВӢ



5,4 %-и ММД
харочот ба соҳаи маориф
5 098 $ ПҚХ
барои як нафар хонанда

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

ИНРО ЧӢ ГУНА БОЯД ШАРҲ ДОД?

Маълумоти байналмилалӣ нишон медиҳад, ки сатҳи баланди маблағгузории соҳаи маориф умуман, бо натиҷаҳои хуби таълимӣ алоқаманд аст. Аммо ин вобастагӣ ҳамеша якранг нест: пас аз расидан ба як сатҳи муайян танҳо зиёд кардани харочот худ аз худ ба танҳоӣ афзоиши мувофиқи натиҷаҳоро кафолат намедиҳад.

На танҳо ҳаҷми маблағгузорӣ, балки **ба кадом самтҳо равона шудани ин захираҳо, то чӣ андоза одилона тақсим шудани онҳо, чӣ гуна бо кадрҳои педагогӣ таъмин гардидани мактабҳо ва то кадом дараҷа дастгирӣ ёфтани сифати таълим ва таҳсилот аз ҳисоби сармоягузорӣ низ аҳаммияти зиёд дорад.**

Самтҳои асосӣ:

- **маблағгузории мақсаднок** – дастгирии дараҷаи аввалияи муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои хонандагоне, ки ниёзҳои аз ҳама бештар доранд;
- **тақсимоти самарабахши захираҳо** – пайванд додани маблағгузорӣ бо ҳадафу вазифаҳои мушаххас барои баланд бардоштани сифати таҳсилот;
- **сармоягузорӣ ба сифати таълим** – рушди кадрҳои педагогӣ, дастгирии методӣ ва муҳити таълимӣ;
- **мониторинги самаранокӣ –** арзёбии на танҳо ҳаҷми харочот, инчунин, ҳамчунин он ки захираҳои сарфшуда кадом натиҷаҳои таълимиро таъмин кардаанд.

Нишондиҳандаи асосии сиёсати давлатӣ на танҳо ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф, балки натиҷаи он аст, ки ин сармоя то чӣ андоза ба сифати таҳсилот ва муваффақияту пешрафти хонандагон таъсир мерасонад.


Манбаъ: Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025»; додаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Education at a Glance, World Bank Open Data, IMF World Economic Outlook.

ЗЕРСОХТОР ВА КАДРҲО

Технология муҳим аст, вале сифати таълим нақши ҳалкунанда дорад.

Омодагии рақамӣ ва таъминоти кадрӣ бояд баробар рушд кунанд

ЗАХИРАҲОИ РАҚАМӢ



31,0 %-и хонандагон дар муассисаҳое таҳсил мекунанд, ки дар онҳо норасоии захираҳои рақамӣ ба назар мерасад.

29,8 % дар муассисаҳои таълимие таҳсил мекунанд, ки сифати захираҳои рақамӣ дар онҳо нокифоя ё номувофиқ арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмуъ, **таъминоти** муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе бо захираҳои рақамӣ **нисбат ба аксари кишварҳои муқоисашаванда хеле хуб ба назар мерасад.** Ҳамзамон, барои қисми зиёди хонандагон маҳдудиятҳое боқӣ мемонанд, ки ҳам ба дастрасии технологияҳо ва ҳам ба сифати онҳо алоқаманданд.

Бо вуҷуди ин, танҳо мавҷуд будани компютерҳо, таҷҳизот ва заминаю воситаҳои (платформаҳои) рақамӣ **ба худии худ натиҷаҳои баланди таълимро кафолат намедиҳанд.** Муҳим он аст, ки ин технологияҳо то чӣ андоза ба раванди таълим ворид карда шудаанд ва ба хонандагон **дар таҳқиқот, таҳлили маълумот, ҳалли масъалаҳо ва истифодаи амалии донишҳо** ёрӣ мерасонанд.

Самтҳои асосӣ:

- **салоҳиятҳои рақамии омӯзгорон** – омода намудани устодон барои истифодаи самараноки технологияҳо дар ҷараёни дарс;
- **дастгирии техникӣ** – фаъолияти устувору бефосилаи таҷҳизот, барномаҳои компютерӣ ва зерсохторҳо;
- **амнияти рақамӣ** – ташаккули малакаю маҳоратҳои зарурӣ барои истифодаи бехатар ва огоҳонаи муҳити рақамӣ.


Вазифаи асосӣ – гузаштан аз таъминоти одии техникӣ ба истифодаи самарабахши захираҳои рақамӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва таҳсилот

КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ

31,7 %
норасоии омӯзгорон

18,0 %
сатҳи паст/номувофиқатии тахассус

66,6 %
мушкилии ҷалби омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ ба кор



Таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибихтисос яке аз омилҳои муҳими таъмини сифати таҳсилот ба шумор меравад. **Норасоии кадрҳои педагогӣ натиҷаҳои пасти таълимӣ бо ҳам робитаи мустақим дорад,** ки аҳаммияти дастрасии ҳамаи хонандагонро ба омӯзгорони соҳибтахассус бештар нишон медиҳад.

Дар айни замон, ҳиссаи омӯзгорони дорои сертификати пурраи касбӣ дар шаҳри Душанбе нисбатан баланд аст, **вале вазъи таъминоти кадрӣ ва сатҳи тахассусии омӯзгорон дар байни ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ фарқ мекунад.** Самти фанҳои табиатшиносӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд: тақрибан аз се ду ҳиссаи хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо аз мушкилии ҷалби омӯзгорони соҳибихтисоси хуби ин фанҳо хабар медиҳанд.

Самтҳои асосӣ:

- **ҷалб ва нигоҳдории кадрҳо** – махсусан таъмини мактабҳо бо омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ;
- **рушди касбӣ** – дастгирии мунтазами методӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон;
- **тақсимоти одилонаи кадрҳо** – коҳиш додани тафовути таъминот бо омӯзгорони соҳибтахассус дар байни муассисаҳои таълимӣ ва ноҳияҳо;
- **мониторинги ниёзҳои кадрӣ** – истифодаи маълумот барои сари вақт муайян кардани норасоии омӯзгорон.

Сармоягузорӣ ба рушди касбии омӯзгор – яке аз роҳҳои асосии табдил додани захираҳои таълимӣ ба сифати баланди таълим ва дастовардҳои хонандагон.

САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ I

Се авлавияти муҳим, ки бевосита ба сифати таълим алоқаманданд

Малакаю маҳоратҳои асосӣ, дастрасии баробар ва таҷрибаҳои педагогӣ

1. САТҲИ ЗАМИНАВИИ САВОДИ АМАЛКАРДӢ БАРОИ ҲАМА

Кам будани шумораи хонандагоне, ки ба **Сатҳи 2 ва аз он болотар** мерасанд, таҳкими саводи заминавии амалкардиро ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил медиҳад. Муҳим аст, ки мушкилоти таълимии хонандагон сари вақт муайян карда шуда, ба онҳо ёрӣ расонда шавад, **то аз раванди таълим тамоман ақиб намонанд ва ин мушкилӣ дар синфҳои болоӣ вазнинтар нашавад.**

Самтҳои асосӣ:

- **ташхиси мунтазами** малакаю маҳоратҳои асосӣ дар марҳилаҳои муҳими таҳсил;
- истифодаи **арзёбии ташаккулдиҳанда** барои муайян кардани мушкилоти таълимӣ ва беҳтар кардани раванди таълим;
- **дастгирии мақсадноки хонандагоне,** ки дар таълим ба мушкилӣ рӯбарӯ мешаванд;
- **муайян кардани нишондиҳандаҳои ҳадди ақалли** натиҷаҳои мавриди интизор аз рӯйи салоҳиятҳои асосӣ;
- **мониторинги миллӣ** барои пайгирии тағйирот ва пешрафти дастовардҳои таълимӣ.

Ҳадафи асосӣ – пайваста зиёд кардани шумораи хонандагоне, ки ҳадди ақал ба сатҳи заминавии саводи амалкардӣ мерасанд.

2. КОҲИШ ДОДАНИ НОБАРОБАРӢ

Тафовути **46,3 бал**, ки ба вазъияти иҷтимоию иқтисодии хонандагон алоқаманд аст, зарурати тақсимоти мақсадноки захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва педагогиро нишон медиҳад. Пеш аз ҳама бояд муассисаҳо ва гурӯҳҳои хонандагоне ба таври иловагӣ дастгирӣ карда шаванд, ки **ниёзҳои таълимии бештар доранд.**

Вобаста ба ин, ҳадаф танҳо коҳиш додани тафовути байни гурӯҳҳои хонандагон нест. Мақсади асосӣ **фароҳам овардани чунин шароите аст, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии оила то ҳадди имкон камтар ба имкониятҳои таълимии кӯдак таъсир расонад.**

Самтҳои асосӣ:

- **муайян намудани ниёзҳои муассисаҳои таълимӣ** дар асоси маълумоти воқеӣ (объективӣ);
- **равона кардани захираҳои мақсаднок ва дастгирии методӣ** ба муассисаҳои таълимии дорои эҳтиёҷоти бештар;

- **тақсимоти одилонаи кадрҳо ва ҷалби омӯзгорони соҳибтахассус ба ин муассисаҳо;**
- **мониторинги мунтазами** тафовутҳои таълимӣ ва пайгирии пешрафти гурӯҳҳои гуногуни хонандагон.

Ҳадафи асосӣ – фароҳам овардани шароите, ки таҳсилоти босифат барои ҳар як хонанда, новобаста аз вазъи иҷтимоию иқтисодии ӯ, дастрас бошад.

3. ТАҶРИБАҲОИ ПЕДАГОГӢ

Баланд бардоштани саводи амалкардӣ **тағйири муносибат ба раванди таълим ва истифодаи васеи усулҳои фаъоли таълимро талаб мекунад, ки дар онҳо худи хонанда иштирокдори фаъоли раванди таълим аст**. Ҳадафи таълим набояд танҳо азёд кардани мазмуни китоб, балки пеш аз ҳама рушди **қобилияти истифодаи амалии дониш, мулоҳизаронӣ, таҳқиқ, шарҳ додани воқеаҳо, таҳлили маълумот ва асоснок кардани хулосаҳо** бошад.

Дар ин замина, истифодаи ҳаматарафаи усулҳои таълимие аҳаммияти махсус дорад, ки хонандагонро ба фаъолияти маърифатӣ ҷалб карда, ба онҳо барои пайвастани донишҳои омӯхташуда бо вазъиятҳои воқеии ҳаёт имконият фароҳам меоранд.

Самтҳои асосӣ:

- **истифодаи бештари супоришҳои амалӣ ва марбут ба вазъиятҳои воқеии ҳаёт**;
- **татбиқи усулҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавии таълим**;
- **ташкили корҳои лабораторӣ, таҷрибавӣ ва амалӣ**;
- **истифодаи супоришҳои байнифаннӣ,** ки татбиқи донишҳои аз соҳаҳои гуногун андӯхташударо талаб мекунанд;
- **арзёбии ташаккулдиҳанда ва пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои коромад**;
- **рушди мунтазами касбӣ ва дастгирии методии омӯзгорон.**

Самти асосӣ: гузаштан аз такрори маводи омӯхташуда ва баёни одии он ба **татбиқи оқилонаи дониш ва рушди тафаккури мустақили хонандагон**.

Дар марҳалаи аввал (кӯтоҳмуддат) муассисаҳои таълимиро бо дастурҳои амалӣ таъмин намудан ва дастгирии методии омӯзгоронро тақвият додан муҳим аст. Дар оянда (дарозмуддат) муносибати босалоҳият ба таълим бояд ба стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ пурра ворид шуда, дар низоми арзёбӣ ва омодасозии кадрҳои педагогӣ низ инъикос ёбад.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ II

Се авлавияти муҳим барои таъмини натиҷаҳои устувор

Ҷалби хонандагон, иқтидори кадрӣ ва муҳити бехатари мактабӣ

4. ИШТИРОК ДАР ДАРСҲО ВА ҶАЛБИ ХОНАНДАГОН

Иштироки мунтазами хонандагон дар ҳаёти мактабӣ яке аз шартҳои муҳими муваффақияти онҳо дар таҳсил аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки **дер омадан ба дарс, камшавии ҳисси вобастагӣ ба мактаб ва суст шудани дарки аҳаммияти таҳсил метавонанд аз нишонаҳои коҳиш ёфтани иштироку фаъолмандии хонандагон дар раванди таълим бошанд**.

Муҳим аст, ки чунин нишонаҳо сари вақт муайян ва мавриди баррасӣ қарор гиранд, **то ки онҳо боиси дарсгурезии доимӣ, мушкилоти таълимӣ ё тарки таҳсил нашаванд.** Дар ин замина, ташаккули дарки робитаи байни таҳсили имрӯза, идомаи таҳсил ва интихоби касби оянда аҳаммияти махсус дорад.

Самтҳои асосӣ:

- **сари вақт муайян кардан** – таҳлили мунтазами иштироки хонандагон дар дарсҳо, дер омадан ба дарс ва иштироки онҳо дар фаъолияти таълимӣ;
- **дастгирии инфиродӣ** – расонидани ёрӣ ба хонандагоне, ки нишонаҳои коҳиш ёфтани иштироку фаъолияташон дар раванди таълим мушоҳида мешавад;
- **роҳнамоии касбӣ –** кумак ба хонандагон барои дарки шавқу завқ, қобилият ва имкониятҳои худ ва интихоби самти касбии оянда;
- **мақсаднокии таҳсил –** таҳкими робитаи байни таҳсил дар мактаб, идомаи таҳсил ва дурнамои ҳаёти минбаъдаи хонанда;
- **ҳамкории мактаб ва оила** – вокуниши муштараки мактаб ва оила ба нишонаҳои аввалини коҳиш ёфтани иштироку фаъолмандии хонанда дар раванди таълим.

Ҳадафи асосӣ: муассисаи таълимӣ бояд на танҳо иштироки хонандаро дар дарс таъмин кунад, балки шавқу ҳаваси ӯро ба таҳсил, эҳсоси вобастагӣ ба мактаб ва дарки аҳаммияти таҳсилро барои ояндаи худ низ тақвият бахшад.

5. ОМӮЗГОР ВА ЗАХИРАҲО

Сифати таълим, таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои зарурӣ ва дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ бояд ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди як низоми ягона баррасӣ шаванд. Ҳатто зерсохтори муосир ва маблағгузории кофӣ дар он сурат самараи бештар медиҳанд, ки онҳо аз ҷониби **омӯзгорони соҳибихтисос ва таълими босифат** дастгирӣ ёбанд.

Натиҷаҳои PISA баёнгари аҳаммияти хос доштани иқтидори кадрии муассисаҳои таълимианд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳамзамон ба такмили омодагии омӯзгорон, рушди касбии онҳо ва дастгирии методӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Ҳамчунин, бояд барои тақсимоти одилонаи кадрҳо ва захираҳо байни мактабҳои дорои эҳтиёҷоти гуногун шароити мувофиқ фароҳам оварда шавад.

Самтҳои муҳим:

- **омодасозии муосири омӯзгорон** бо таваҷҷуҳи махсус ба таълими амалӣ ва рушди салоҳиятҳои касбии онҳо;
- **рушди касбии мунтазам** ва дастгирии муназзами методии омӯзгорон;
- **роҳнамоӣ ва ташкили ҷомеаҳои касбӣ** барои мубодилаи таҷрибаҳои самарабахш;
- **таъмини муассисаҳои таълимии дорои норасоии бештар бо кадрҳои зарурӣ**;
- **тақсимоти одилонаи захираҳо** бо дарназардошти ниёзҳои таълимии мактабҳо ва хонандагон.

Ҳадафи асосӣ: таъмини ҳар як мактаб бо омӯзгорони соҳибихтисос, захираҳои босифати таълимӣ ва дастгирии касбии зарурӣ барои беҳтар намудани натиҷаҳои таълимии хонандагон.

6. МАКТАБИ БЕХАТАР ВА ДАСТГИРИКУНАНДА

Эҳсоси баланди амният **яке аз паҳлуҳои қавии муҳити мактабии шаҳри Душанбе** аст. Дар баробари ин, мавҷудияти ҳолатҳои зӯроварӣ ва озордиҳӣ зарурати таҳкими минбаъдаи амнияти равонӣ ва некуаҳволии хонандагонро нишон медиҳад. Пешгирӣ аз зӯроварӣ ва озордиҳӣ набояд ҳамчун чорабинии алоҳида баррасӣ шавад; он бояд **қисми ҷудонашавандаи низоми таъмини муҳити солим ва бехатари мактабӣ** бошад.

Мафҳуми мактаби бехатар танҳо ба ҳифзи ҷисмонии хонандагон маҳдуд нест. Он **муносибати боэҳтиромона, эҳсоси вобастагӣ ба мактаб, дастгирии равонӣ ва эътимоди хонандаро** ба муҳити мактабӣ низ дар бар мегирад. Хонанда бояд бовар дошта бошад, ки дар сурати ба миён омадани мушкилот метавонад сари вақт ёрии зарурӣ гирад**.**

Самтҳои асосӣ:

- **таҳия ва татбиқи тартибу қоидаҳои ягона** оид ба пешгирӣ, муайянсозӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварӣ ва озордиҳӣ;
- **омодасозии омӯзгорон ва равоншиносони мактаб** барои сари вақт муайян кардани омилҳои хатар ва расонидани дастгирии зарурӣ;
- **мониторинги мунтазам ва махфии** муҳити мактабӣ ва некуаҳволии хонандагон;
- **омӯзиш ва пайгирии эҳсоси вобастагӣ ба мактаб** ва сари вақт муайян намудани хонандагоне, ки аз ҷомеаи мактабӣ канор мондаанд (танҳо шудаанд);
- **ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа** дар ташаккули фарҳанги эҳтиром, эътимод ва дастгирии ҳамдигар.

Ҳадафи асосӣ: фароҳам овардани муҳити бехатару дастгирикунанда ва ташаккули муносибатҳои хубу самимӣ, ки ба ҳар як хонанда барои таҳсил ва рушди ҳамаҷониба шароити мусоид фароҳам меоранд.

Муҳити мактабӣ танҳо як ҷузъи иловагии сифати таҳсилот нест, балки он бо шавқу ҳавас ва некуаҳволии хонандагон робитаи мустақим дорад. Маҳз ҳамин муҳит ба ҳар як хонанда имкон медиҳад, ки бо эҳсоси амнияту эътимод ҳадафмандона таҳсил кунад ва қобилиятҳои худро пурра нишон диҳад.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».

АЗ МАЪЛУМОТ БА АМАЛ

Мантиқи пешниҳодшудаи кор: арзёбӣ – дастгирӣ – тағйирот – санҷиш (мониторинг)

Ҳисоботи миллӣ заминаи зарууриро барои гузаштан аз муайян кардани мушкилот ва таҳлили натиҷаҳо ба қабули қарорҳои асоснок ва идоракунии мунтазами равандҳои такмили сифати таҳсилот фароҳам меорад.

1 АРЗЁБӢ

Натиҷаҳои PISA-ро бояд якҷоя бо таҳқиқоти мониторинги миллӣ, арзёбиҳои дохилимактабӣ ва маълумоти давомоти хонандагон таҳлил ва истифода кард. Ин имкон медиҳад, то муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои муайяни хонандагоне, ки ба дастгирии бештар ниёз доранд, дақиқ муайян карда шаванд.

2 ДАСТГИРӢ

Дастгирии мақсаднок бояд ба ниёзҳои муайяншуда мутобиқ карда шавад: барои хонандагон арзёбии ташаккулдиҳанда, роҳнамоии инфиродӣ ва машғулиятҳо дар гурӯҳҳои хурд; барои омӯзгорон дастгирии методӣ ва касбӣ; барои мактабҳое, ки мушкилоту норасоиҳо дар онҳо бештар ба назар мерасанд, ҷудо кардани захираҳои иловагии кадрӣ ва моддӣ.

3 ТАҒЙИР ДОДАНИ ТАҶРИБАИ ТАЪЛИМӢ

Усулҳои муосири баланд бардоштани сатҳи саводи амалкардӣ бояд **марҳала ба марҳала ба стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва раванди таълим ворид карда шаванд:** аз ҷумла, истифодаи бештари вазъиятҳои воқеии ҳаёт, супоришҳои таҳқиқотӣ, хониши бошуурона ва дарки матн, мулоҳизаронии математикӣ ва кор бо маълумот (додаҳо).

4 САНҶИШИ ПЕШРАФТ (МОНИТОРИНГ)

Барои арзёбии самаранокии чораҳои андешидашуда бояд пешакӣ **нишондиҳандаҳои мушаххас ва ченшавандаи натиҷа** муайян карда шаванд. Сипас, мунтазам бояд санҷида шавад, ки оё ҳиссаи хонандагони аз сатҳи заминавӣ поёнбуда коҳиш ёфтааст, тафовутҳои таълимӣ кам шудаанд, давомоти хонандагон ва некуаҳволии онҳо беҳтар гардидааст ва сатҳи таъминоти кадрию моддии муассисаҳои таълимӣ баланд шудааст ё на.

Таҳқиқоти PISA 2025 як марҳалаи аввалия ва заминавии арзёбии муқоисашавандаи натиҷаҳои таълимӣ аст. Аҳаммияти аслии ин замина ҳамон вақт аён мегардад, ки арзёбиҳои минбаъда барои муайян кардани самаранокии қарорҳои қабулшуда ва пайгирии тағйирот истифода шаванд.

ХУЛОСАИ СТРАТЕГӢ

PISA 2025 – оғози марҳалаи рушди муназзами соҳаи маориф

Пайдо шудани аввалин заминаи маълумоти муқоисашавандаи байналмилалӣ имконият медиҳад, ки сиёсати соҳаи маориф дақиқтар, мақсадноктар ва бар асоси далелҳо таҳия ва татбиқ карда шавад.

МАЪЛУМОТ	АМАЛ	МОНИТОРИНГ
барои қабули қарорҳои дақиқ ва босамар	барои беҳтар кардани сифати таҳсилот	барои арзёбии тағйирот ва пешрафт

Натиҷаҳои шаҳри Душанбе ҳамзамон иқтидори мавҷуда ва зарурати суръат бахшиданро ба тағйирот нишон медиҳанд. Хонандагон ба таҳсил шавқу рағбат доранд, аксарияти онҳо худро дар мактаб бехатар ва ҳамчун узви ҷомеаи мактабӣ ҳис мекунанд. Ин паҳлуҳои қавӣ заминаи мусоидеро барои идомаи ислоҳот ва такмили низоми маориф фароҳам меоранд.

Дар баробари ин, ҳиссаи ками хонандагоне, ки ба сатҳи заминавии натиҷаҳои таълимӣ расидаанд, бахусус дар бахши фанҳои табиатшиносӣ, инчунин нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ, норасоии кадрҳо ва гуногунии шароити таълим дар мактабҳо андешидани чораҳои муназзам ва мақсаднокро тақозо мекунанд. Баланд бардоштани сифати таҳсилотро наметавон ба як омил вобаста кард: он аз ҳамоҳангии мундариҷа ва сифати таълим, дастгирии хонандагон, таъминоти кадрӣ ва захиравии мактабҳо ва муҳити бехатари таълимӣ вобаста аст.

Ҳисоботи миллӣ пешниҳод мекунад, ки ислоҳоти устувор дар асоси самтҳои зерин ба роҳ монда шавад: баланд бардоштани сатҳи заминавии с… …гӣ …р …а …ш …и

Арзиши асосии PISA 2025 на дар як нишондиҳандаи алоҳида ва на дар ҷойгоҳи кишвар ё шаҳр дар ҷадвали байналмилалӣ ифода меёбад. Арзиши воқеии PISA 2025 дар он аст, ки ба мо имкон медиҳад низоми маорифро дар асоси маълумоти муқоисашаванда воқеъбинона арзёбӣ кунем, қарорҳои мақсаднок қабул намоем ва дар арзёбиҳои минбаъда муайян созем, ки оё чораҳои андешидашуда воқеан ба беҳтар шудани натиҷаҳои таълимии ҳар як хонанда мусоидат кардаанд ё не.

Манбаъ: пойгоҳи додаҳои PISA 2025; Ҳисоботи миллӣ «Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA-2025».